«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ доктори илмҳои таърих, профессор
__________ Ибодуллозода А.И.
«_5_» __майи__ соли 2025

ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Систон» (баррасии луғавӣ ва сохторӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсия **Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод** дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Систон» (баррасии луғавӣ ва сохторӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

Ономастика як бахши муҳимму меҳварии соҳаи забоншиносӣ аст, ки исмҳои хосро меомӯзад ва таваҷҷуҳи муҳаққиқони тоҷик солҳои охир ба таҳқиқу таҳлили исмҳои хос дар асарҳои алоҳидаи таърихӣ бештар шудааст.

Пажуҳиши луғавию семантикӣ ва дастурии ономастикаи осори таърихӣ, ҷуғрофӣ ва адабӣ аҳаммияти илмию назариявии хоссаро соҳиб аст. Аз ин лиҳоз, диссертатсияи Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Систон» (баррасии луғавӣ ва сохторӣ)» дорои аҳаммияти вижаи амалӣ ба шумор меравад. Дар баробари ин, таҳқиқу омӯзиши осори адибони классик барои муайяну равшан кардани рушди забони адабӣ ва пурғановат гардидани он дорои арзиши махсус мебошад.

Дар диссертатсия таҳқиқу пажуҳишии ономастикаи «Таърихи Систон», ки яке аз куҳантарин сарчашмаи таърихии фарҳану адаби гузаштагонамон маҳсуб меёбад, барои равшан сохтани хусусиятҳои таърихи забони адабии асрҳои IX-XI ҳадафи асосии илмӣ қарор гирифта, барои расидан ба мақсади илмӣ вазифаҳои муҳим, аз қабили нишон додани вижагиҳои луғавию маъноии маводди ономастикии асар, таҳқиқи ҷиҳатҳои вожасозии маводди ономастикии асар, хусусиятҳои маъноии анҷомаҳои ҷойномсози асар, таҳлилу таҳқиқи қабатҳои ономастикии асар, яъне баррасии ҷойномҳо (топонимҳо), шаҳрномҳо (астионимҳо), деҳномҳо (комонимҳо), мавзеъҳои сатҳи заминӣ (оронимҳо), обномҳо (гидронимҳо) ва амсоли инҳо, нишон додани ҷанбаҳои забонии топоформантҳои антропонимсозу топонимсоз, баррасии сохтору маъно ва қолабҳои ономастикаи асар, таҳлили маводди асар аз ҷиҳати мансубияти забонӣ ба иҷро расидаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Навгонии илмии диссертатсия дар он дида мешавад, ки бори аввал дар рисолаи илмии мазкур маводди ономастикии асари мавриди таҳқиқ аз нигоҳи сохтор ва маъно ба таври ҷудогона ва бонизом таҳлилу баррасӣ шудааст.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқи мавриди баррасӣ аз он иборат аст, ки ҷанбаҳои назарии диссертатсия ба воситаи пажуҳишу таҳлили ҷиҳатҳои маъноии моводди ономастикии асари мавриди таҳқиқ инъикос ёфта, дар асоси маводди гирдоварда доир ба чанде аз хусусиятҳои савтӣ, луғавӣ, услубиёти таърихи забони адабии тоҷикӣ, ба хусус, доир ба қабатҳои луғавии забони адабии тоҷикӣ, ки дар он маводди ономастикии нақши муҳим дорад, кори илмӣ анҷом дода, натиҷаҳои илмии бадастоварда барои навиштани китобҳои дарсии таърихи забони адабии тоҷикӣ, ономастикаи таърихӣ ва ҷуғрофияи таърихию муосир, инчунин, зимни мураттаб сохтани фарҳангу луғатномаҳои топонимӣ ва антропонимӣ метавон истифода намуд.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ё коркарди проблемаҳои илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Масъалагузории мушаххаси илмӣ, таъйиди мубрамии мавзуъ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя

пешниҳодшаванда, навгониии илмӣ, сарчашмаҳои пажуҳиш, аҳаммияти назарию амалии диссертатсия, инчунин, хулосаю натиҷагириҳо муҳаққиқ, дар маҷмуъ, саҳми шахсии ӯро нишон медиҳанд. Ҳамчунин, омӯзиши назари муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи таҳқиқ, таҳлилу таҷзия, баҳсҳо ва пешниҳоди дидгоҳҳои дигар, нашри мақолаю гузоришҳои илмӣ дар робита ба мавзуи диссертатсияро ҳам метавон саҳми шахсии диссертант ҳисобид. Диссертант ҳалли масъалаҳо ба миён гузошташуда аз методи муқоисавӣ-таърихӣ ва усули тасвирӣ истифода кардааст. Истифодаи методҳои шарҳдиҳӣ, мушоҳида ва омор барои таҳқиқи ҷанбаҳои савтӣ, маъноӣ ва сохтории маводи ономастикии асар истифода гардиданд.

Маврид ба таъкид аст, ки дар бобу фаслҳои диссертатсияи Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод масъалаи таҳқиқи луғавӣ ва сохтории маводди ономастикии «Таърихи Систон» баррасӣ мешавад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мубрамии мавзуи таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки таҳлил ва таҳқиқи осори адибони мумтози гузаштаамон, ки «Таърихии Систон» аз ҷумлаи асари арзишманди таърхии он маҳсуб меёбад, дар забоншиносии тоҷик аз ҳар ҷиҳат дорои аҳаммияи махсус ба шумор меравад. Гузашта аз ин, муаллифи асари мавриди назар зимни баёни андеша бештар ба таркиби луғавии забони дарии тоҷикӣ, ки як гурӯҳи чунин воҳидҳои луғавӣ аз таърихи куҳани марзу буми ниёгони мо гувоҳӣ медиҳад, такя намуда, барои пикизагиву асолати ин забон пайваста саъйу кӯшиш намудааст ва дар ин асос ҷанбаҳои муҳимми таърихи забони адабиамонро равшан сохтан имконпазир аст.

Диссертатсияи Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод аз муқаддима, 3 боб, 9 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия, феҳристи адабиёт, номгӯйи таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ ва замима иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия доир ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объекту предмети таҳқиқ, усулу навгонии таҳқиқ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, саҳми шахсии

унвонҷӯ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ, доир ба мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода шудааст.

**Боби якуми** диссертатсия **«Баррасии марҳилаҳои рушди ономастика дар забоншиносӣ»** унвон дошта, фарогири чор фасл буда, дар фаслҳои он ҷиҳатҳои назариявӣ ва дараҷаи омӯзиши онҳо дар марҳилаҳои гуногуни рудшу инкишофи ономастика дар кишварҳои мухталиф мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

Аз ҷумла, диссертант дар такя ба сарчашма ва осори илмии соҳа таърихи омӯзиши ономастикаи забони тоҷикӣ ва масоили назариявию амалии онро ба риштаи таҳқиқ кашидани муҳаққиқон ва комёбиҳои онҳо, таҳқиқи ономастика дар забоншиносии Русияву Аврупо ва таҳлилу баррасии корҳои илмии донишмандон дар ин давра, баррасии ономастикаи тоҷик дар замони Иттиҳоди Шуравӣ ва шарҳу тафсири ономастикаи сарчашмаҳои таърихӣ, аз ҷумла таҳлилу тавсифи номшиносӣ дар заминаи маводди маъхазҳои забонҳои давраи қадиму миёна ва таҳлили осори ономастикаи замони истиқлол аз ҷониби донишмандону муҳаққиқони ватаниро таҳлилу баррасӣ намудааст.

**Боби дуюми** диссертатсия **«Таҳлили ономастикаи асар аз нигоҳи мавзуот»** ном дошта, аз се фасл иборат мебошад.

Фасли якум **«Антропонимҳои асар ва баррасии мавзуии онҳо»** номгузорӣ шуда, муаллиф дар зерфаслҳои он антропонимҳои асотирии тоисломӣ ва таърихӣ, антропонимҳои ифодагари номи ашхоси таърихӣ, антропонимҳои ифодагари номи Худоён, паёмбарон, фариштагон ва дигар чеҳраҳои малакутӣ, номи шоҳон, шоҳзодагон ва аъёну ашроф, номи ҳокимон, волиён ва дигар амалдорони даврро таҳлилу баррасӣ намудааст.

Фасли дуюми боби мазкур, ки **«Баррасии қабатҳои луғавии топонимҳои асар»** номгузорӣ шудааст, ба таҳқиқи ойконимҳо, комонимҳо, гидронимҳо, оронимҳо, zoонимҳо, номи сулолаҳо ва этнонимҳои асар маълумоти муфассал оварда шуда, ҳамчун макони иҷрои ин ё он воқеаи таърихӣ маҳсуб ёфтани онҳо, будубоши халқу миллат, қавму қабилаҳои

мухталиф ва макони зисти донишмандон, умуман, нақши онҳо дар таърихи инсоният таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Фасли сеюми боби дуюм **«Қабатҳои гуногуни маводди ономастикии асар»** ном дошта, дар он астронимҳо, аз қабили ҷирмҳои осмонӣ ва номи моҳу тақвимҳо, хрематонимҳо - номи китобҳои динӣ, илмию таърихӣ ва номи китобҳои адабию бадеии асар таҳлил шудаанд.

**Боби сеюми** диссертатсия **«Баррасии сохторӣ ва мансубияти забонии номвожаҳои асар»** ном дошта, ду фаслро дар бар гирифтааст.

Дар фасли якуми боби мазкур таҳлили сохтории номвожаҳои содаи асар ва мансубияти забонии онҳо, номвожаҳои сохта ва нақши муассирии вандҳо, номвожаҳои мураккаб ва таркибӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Фасли дуюми ин боб ономастикаи асари мавриди назарро аз нигоҳи мансубияти забонӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Дар ин қисмати кор андешаҳои муҳаққиқ, пеш аз ҳама, доир ба номвожаҳои асар дар қолиби вожаҳои сохта бо овардани мисолҳои саҳеҳу бамаврид ҷолиби диққат аст.

Дар қисмати хулоса мазмуну муҳтавои бобҳои дохили диссертатсия ба тариқи фишурда дар бандҳои ҷудогона натиҷагирӣ карда шуда, вобаста ба ҳар як масъалаи мубрами таҳқиқ назари мушаххаси муҳаққиқ оварда шудааст ва ҳар бобу фасли таҳқиқоти диссертатсионӣ бо хулосаҳои амиқу мушаххаси илмӣ дар 15 банд ҷамъбаст гардидааст.

Дар анҷоми диссертатсия феҳристи адабиёт, номгӯйи сарчашмаҳои илмӣ ва манбаъҳои истифодашуда оварда шуда, рӯйхати адабиёт дар асоси меъёрҳо ва талаботи ҷорӣ мураттаб гардидааст.

Муҳаққиқ аз методҳои маълум ва мустаъмали илми забоншиносӣ самаранок истифода бурда, асарҳои назарии муҳаққиқони маъруфро ба таври бояду шояд омӯхтааст ва дар мавридҳои муайян ба онҳо нуктасанҷона такя кардааст. Феҳристи адабиёт 247 номгӯйи сарчашма ва адабиёти илмиро фаро гирифтааст. Хулосабарориҳо ва натиҷагириҳои илмӣ дар диссертатсия бо андеша ва маълумоти боэътимод асоснок шудааст.

Дар баробари натиҷаҳои арзишманд ва дастовардҳои назаррас дар диссертатсия, баъзан, камбудию норасоиҳо ба назар мерасанд. Ба андешаи мо, ба эътибор гирифтани онҳо барои боз ҳам боло бурдани сифати илмию назарии диссертатсия аз манфиат холӣ нахоҳад буд:

1. Дар ҷумлаҳои охири навгонии илмии диссертатсия маълумоти умумӣ ва бемаврид оварда шудааст, ки муҳтавои навгонии таҳқиқро то андозае халалдор ва камарзиш кардааст (с. 13).

2. Аз як муҳаққиқ дар ҳаҷми як ё ду саҳифа пайиҳам иқтибос оварда шудааст, ки ҳусни матлабро, ба назари мо, хароб намудааст (с. 19, 20, 24).

3. Дар фасли якуми боби дуюми диссертатсия антропонимҳо ба ду гурӯҳ: антропонимҳои устуравӣ ва таърихӣ ҷудо гардида, дар зергурӯҳи а) Исмҳои хоси ашхоси устуравӣ зикр гардида, дигар зергурӯҳҳо ба назар намерасад (с. 63). Дар зерфасли сеюми боби мазкур бошад, дар қатори номи пайғамбарон ва чеҳраҳои динии тоисломӣ номҳои Худо: Эзад, Ҳақ, Худой оварда шудааст (с. 78)

4. Сарчашмаҳо мебоист тибқи талаботи амалкунанда таҳия шавад ва ҳангоми нишон додани сарчашма риояи ягонаи овардани сарчашма дида намешавад (с. 48, 68, 102).

5. Ҳаҷми автореферати диссертатсия тибқи талабот ва қоидаҳои амалкунанда аз меъёр зиёд таҳия гардидааст.

6. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ғалатҳои имлоӣ (с. 16, 20, 79, 104, 152) ва услубию китобатӣ (с.17, 65, 138) ба назар мерасанд. Ҳамин гуна ғалатҳо дар саҳифаҳои гуногуни фишурдаи диссертатсия низ дида мешаванд.

Камбудиҳои зикргардида, ҷузъӣ буда, дар умум, мазмуну муҳтаво ва арзиши илмии кори диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд, чунки муаллиф вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро дар сатҳи зарурӣ иҷро кардааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.** Диссерататсияи Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Систон» (баррасии луғавӣ ва сохторӣ)» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами № 267 тасдиқ шудааст, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Автореферати диссертатсия ва маводи интишорнамудаи муаллиф фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, аз 8 мақолаи нашршуда 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Сохтори ягона ва низоми мантиқии диссертатсия гувоҳ аст, ки диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона таълиф шудааст. Ба хусус, мулоҳизаҳои шахсӣ, масъалагузорӣ ва истифода аз равишҳои илмӣ, ки дар кор дида мешавад, нишондиҳандаи саҳми шахсии муаллиф мебошад.

Автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро инъикос менамояд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Систон» (баррасии луғавӣ ва сохторӣ)» таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, инчунин, ба шиносномаи ихтисос мутобиқат дошта, муаллифи он Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 2-юми майи соли 2025, протоколи № 9 муҳокима гардида,

дар асоси талаботи бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 12 нафар; «зид» - нест; «бетараф» - нест.

Суратҷаласаи №9, аз 2 -юми майи соли 2025

**Раиси ҷаласа**:
номзади илмҳои филологӣ, дотсент
мудири кафедраи назария ва амалияи
забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Иброимова Гуландом Наимовна

**Эксперт:**
доктори фалсафа аз рӯйи ихтисоси филология,
дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Холназаров Руҳулло Муҳаммадович

**Котиби илмии ҷаласа:**
доктори фалсафа аз рӯйи ихтисоси филология,
дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич

**«Имзоҳои Иброимова Г., Холназаров Р. ва Ш. Юсуповро тасдиқ мекунам»**:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода Абдукарим

**Нишонии муассисаи пешбар:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбониРӯдакӣ 121.
Тел.: +992 (37) 224 13 83
e-mail: info@tgpu.tj. Сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj

«2» майи соли 2025